**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ" ва бо мақсади омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ тасдиқ карда шавад.

2) Роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо омодасозии аҳолиро дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ тибқи Қоидаҳои мазкур ба роҳ монанд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 31 августи соли 2009 № 490

ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31 августи соли 2009 № 490

тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ
**омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ**

1) Қоидаҳои мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ" таҳия шуда, вазифаҳои асосии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳоро оид ба ташкил ва ба роҳ мондани омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ (минбаъд ҳолатҳои фавқулодда) муайян мекунад.

2) Шахсоне, ки бояд ба омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ҷалб карда шаванд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

а) шахсони машғули соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ (минбаъд аҳолии дар соҳаи истеҳсолот машғулбуда);

б) шахсони дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ машғулнабуда (минбаъд - аҳолии дар соҳаи истеҳсолот машғулнабуда);

в) шахсоне, ки дар муассисаҳои таълимии умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таълим мегиранд (минбаъдтаълимгирандагон);

г) роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо;

д) кормандони вазоратҳо, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, ки барои ҳалли вазифаҳои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда махсус ваколатдор гардидаанд (минбаъд - кормандони ваколатдор).

3) Вазифаҳои асосии омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодда аз инҳо иборат аст:

а) омӯзиши аҳолӣ бо қоидаҳои рафтор, усулҳои асосии ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд ва амали онҳо дар ҳолатҳои фавқулодда, қоидаҳои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ба осебдидагон, тарзи истифодабарии воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва коллективӣ;

б) такмили малакаи роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо оид ба идоракунии қувваҳо ва воситаҳое, ки ба системаи ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда шомиланд;

в) такмили малакаи таҷрибавии роҳбарони вазоратҳо, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо оид ба ташкилу гузаронидани чорабиниҳои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;

г) аз тарафи кормандони ваколатдор дар рафти гузаронидани машқҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва азхудкунии тартиби амал ҳангоми реҷаҳои гуногуни фаъолият, инчунин ҳангоми гузаронидани корҳои наҷотдиҳию садамавӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир.

4) Омодасозӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодда пешбинӣ менамояд:

а) барои аҳолии машғули кор буда - гузаронидани машғулиятҳо дар ҷои кор мувофиқи барномаҳои тавсияшуда ва омӯзиши мустақилонаи тартиби амал дар ҳолатҳои фавқулодда бо азхудкунии минбаъдаи донишу малакаи дар машққо ҳосилнамуда;

б) барои аҳолии машғули кор набуда - гузаронидани сӯҳбатҳо, лексияҳо, намоиши филмҳои таълимӣ, дар маҳали зист ҷалб кардан ба машқҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда, инчунин омӯзиши мустақилонаи воситаҳои аёнӣ, ёддоштҳо, дастуру варақаҳо, шунидан ва тамошои барномаҳои радио ва намоишҳои телевизионӣ оид ба мавзӯи ҳифз аз ҳолатҳои фавқулодда;

в) барои таълимгирандагон - гузаронидани машғулиятҳо дар вақти таълим мувофиқи барномаҳо дар доираи курси "Асосҳои омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани";

г) барои шахсоне, ки бори нахуст ба вазифа таъин карда мешаванд, вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои

фавқулодда, бозомӯзию такмили ихтисос дар муддати соли якуми корӣ ҳатмист.

5) Такмили ихтисосро дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда мегузаранд:

а) кормандони ваколатдор - дар марказҳои таълимию методӣ ва курсҳои оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) муаллимон ташкилотчиёни курсҳои "Асосҳои омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ" дар Маркази таълимию методӣ, курсҳои оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоятӣ, шаҳрӣ, минтақавии дар ҷойҳои корӣ вуҷуд дошта.

6) Такмили дониш, малакаю тавоноии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодда дар рафти гузаронидани машқҳои мукаммал, фармондеҳию ситодӣ ва тактикии махсус ба амал баровара мешавад.

7) Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

а) роҳбарии ташкилию методиро аз рӯи фаъолият ва рушди системаи ягонаи тайёрии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ ба амал мебарорад;

б) омодасозии аҳолӣ ва шахсони мансабдори вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро оид ба ҳолатҳои фавқулодда ташкил менамояд;

в) мутобиқат, роҳбарии методӣ ва назоратро дар омодасозии аҳолӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда ба амал мебарорад;

г) барномаҳои намунавии таълимиро таҳия ва тасдиқ намуда, дастраси Маркази таълимию методӣ, курсҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоятӣ, шаҳрӣ ва минтақавӣ мегардонад.

8) Маблағгузорӣ ҷиҳати тайёр намудани роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кормандони ваколатдори ташкилотҳо, инчунин ташкилу гузаронидани машқҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва омодасозии аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулодда мувофиқи сметаи хароҷот, ки аз тарафи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

9) Маблағгузории омодасозии аҳолии машғули соҳаи истеҳсолот ба ҳолатҳои фавқулодда, тайёр намудан ва гузаронидани аттестатсияи сохторҳо, инчунин гузаронидани машқҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодда аз ҳисоби мабалғҳои худии ташкилотҳо ба амал бароварда мешавад.